«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор
_________________ Хушвахтзода Қ.Х.
«___14___» ______04______ соли 2020

**Нақшаи**
**чорабиниҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ҷиҳати амалӣ намудани дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, зимни мулоқот бо кормандони соҳаҳои илму маориф ва аҳли эҷоди мамлакат аз 18 марти соли 2020**

| № | Номгӯйи чорабиниҳо | Муҳлат | Иҷрокунандагон |
|---|---|---|---|
| 1. | Баргузор намудани олимпиадаи байналмилалии донишҷӯён аз фанни физика ва ҳавасмандгардонии голибону роҳбарони илмии онҳо (мутобиқи банди 1-и Нақшаи чорабиниҳои ҳукуматӣ) | Солҳои 2020-2040 (дар 2 сол 1 маротиба) | Муовини ректор оид ба илм, муовини ректор оид ба муносибатҳои байналмилалӣ, муовини ректор оид ба иқтисод ва иҷтимоиёт, сардори раёсати муҳосибот, сардорони раёсатҳои илм, инноватсия ва садорати факултети физика |
| 2. | Таъмини иштироки фаъоли донишҷӯён дар олимпиадаҳои сатҳи ҷумҳуриявию байналмилалӣ аз фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ, риёзӣ ва ҳавасмандгардонии голибону роҳбарони илмии онҳо (мутобиқи банди 1-и Нақшаи чорабиниҳои ҳукуматӣ) | Солҳои 2020-2040 (ҳамасола) | Муовини ректор оид ба илм, муовини ректор оид ба муносибатҳои байналмилалӣ, муовини ректор оид ба иқтисод ва иҷтимоиёт, сардори раёсати муҳосибот, сардори раёсати илм, садорати факултетҳои механика ва математика, физика, кимиё, биология, геология ва мудирони кафедраҳои умумидонишгоҳӣ |
| 3. | Ташкили озмуни лоиҳаҳои беҳтарини инноватсионӣ байни донишҷӯён, магистрантон, докторантон ва омӯзгорону кормандони ДМТ бо ҳавасмандгардонии ғолибон (мутобиқи банди 1-и Нақшаи чорабиниҳои ҳукуматӣ) | Солҳои 2020-2040 (ҳамасола) | Муовини ректор оид ба илм, муовини ректор оид ба иқтисод ва иҷтимоиёт, сардори раёсати муҳосибот, сардорони раёсатҳои илм, инноватсия, садорати факултетҳои механика ва математика, физика, кимиё, биология, геология, фарматсевтӣ, иқтисод ва идора, молия ва |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | | иқтисод, иқтисод ва баҳисобгирии рақамӣ |
| 4. | Вобаста ба талаботи замони муосир ва мутобиқ ба меъёрҳои байналмилалӣ таҷдиди назар намудани стандартҳои давлатии таҳсилот, нақшаву барномаҳои таълимӣ дар ҳама зинаҳои таҳсилот. Барои дар сатҳи баланд омода намудани мутахассисони соҳаи илмҳои табиатшиносӣ, риёзӣ, техникӣ ва дақиқ таҷдиди назар кардани тақсимоти соатҳои озмоишгоҳӣ (лабораторӣ) дар гурӯҳҳои академӣ (мутобиқи банди 2-и Нақшаи чорабиниҳои ҳукуматӣ) | Солҳои 2020-2025 | Муовини аввал, муовини ректор оид ба таълим, сардори раёсати таълим, садорати факултетҳо, мудирони кафедраҳои тахассусӣ ва умумидонишгоҳӣ |
| 5. | Таҷдиди сохтори илмии ДМТ барои беҳтар намудани самаранокии фаъолияти назорати корҳои илмию таҳқиқотӣ (мутобиқи банди 6-и Нақшаи чорабиниҳои ҳукуматӣ) | Соли 2020 | Раёсати ДМТ, раёсати илм ва навоварии техникӣ |
| 6. | Таъмини иштироки омӯзгорони соҳибунвони донишгоҳ дар таҳия намудани «Барномаи давлатии тарбияи кадрҳои сатҳи баланди илмӣ барои солҳои 2021-2030» (мутобиқи банди 3-и Нақшаи чорабиниҳои ҳукуматӣ) | Соли 2020 | Муовини ректор оид ба илм, сардори раёсати илм, муовини ректор оид ба иқтисод ва иҷтимоиёт, сардори раёсати муҳосибот, садорати факултетҳо, мудирони кафедраҳои тахассусӣ ва умумидонишгоҳӣ |
| 7. | Таҳияи лоиҳаи харидории таҷҳизот, ашё ва маҳлулҳои кимиёвию биологӣ барои лабораторияҳои таълимию илмии донишгоҳ (мутобиқи банди 8-и Нақшаи чорабиниҳои ҳукуматӣ) | Соли 2020 | Муовини аввал, муовини ректор оид ба таълим, муовини ректор оид ба илм, муовини ректор оид ба иқтисод ва иҷтимоиёт, сардори раёсати муҳосибот, сардорони раёсатҳои таълим, илм, инноватсия, садорати факултетҳои механика ва математика, физика, кимиё, биология, геология, фарматсевтӣ ва тиббӣ |
| 8. | Тақвият бахшидани корҳои илмию таҳқиқотӣ ва бостоншиносӣ дар мавзеъҳои таърихӣ ва ҷалби донишҷӯёни ихтисосҳои таъриху бостоншиносии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ба корҳои ҳафриёт (мутобиқи банди 10-и Нақшаи | Мунтазам | Муовини ректор оид ба илм, муовини ректор оид ба иқтисод ва иҷтимоиёт, сардори раёсати муҳосибот, сардорони раёсатҳои илм, инноватсия, садорати факултети таърих |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | чорабиниҳои ҳукуматӣ) | | |
| 9. | Таъсиси гурӯҳи корӣ ҷиҳати пешниҳод намудани фикру мулоҳиза ва тавсияҳо барои баланд бардоштани сатҳу сифати китобҳои дарсӣ, ворид кардани гояҳои давлатдории миллӣ ва арзишҳои ҳувиятсози халқ дар китобҳои дарсии фанҳои ҷамъиятиву гуманитарӣ, раванди таълим, таносуби соатҳои фаннӣ, усулҳои фаъоли таълим, роҳҳои самараноки омӯзиши фанҳои табиӣ, риёзиву дақиқ ва ташаккули зеҳнияти донишҷӯён (мутобиқи банди 15-и Нақшаи чорабиниҳои ҳукуматӣ) | Соли 2021 | Муовини аввал, муовини ректор оид ба таълим, муовини ректор оид ба илм, муовини ректор оид ба иқтисод ва иҷтимоиёт, сардори раёсати муҳосибот, сардорони раёсатҳои таълим, илм, инноватсия, садорати факултетҳо, мудирони кафедраҳои тахассусӣ ва умумидонишгоҳӣ |
| 10. | Ҷустуҷӯи роҳҳо ҷиҳати ҷорӣ намудани таҷрибаи наву нешқадам, инчунин баррасии пайвастаи сатҳу сифати китобҳои дарсӣ дар ҳама зинаҳои таҳсилоти муассисаҳои таълимӣ (мутобиқи банди 16-и Нақшаи чорабиниҳои ҳукуматӣ) | Солҳои 2020-2021 | Муовини аввал, муовини ректор оид ба таълим ва муовини ректор оид ба илм, Шӯрои илмию методии донишгоҳ, сардорони раёсатҳои таълим, илм, инноватсия, раисони Шӯрои методии факултетҳо, мудирони кафедраҳои тахассусӣ ва умумидонишгоҳӣ |
| 11. | Таъсис додани гурӯҳҳои мақсаднок аз ҳисоби хонандагони синфҳои болоии Литсейи табиию риёзӣ ҷиҳати беҳтар намудани сатҳу сифати таҳсили онҳо (мутобиқи банди 17-и Нақшаи чорабиниҳои ҳукуматӣ) | Мунтазам | Муовини аввал, муовини ректор оид ба таълим, сардори раёсати таълим ва директори литсейи равияи табиатшиносию риёзӣ |
| 12. | Таъсис додани ихтисосҳо вобаста ба манбаъҳои таҷдидшавандаи неру – «энергияи сабз», «иқтисоди сабз», «иқтисоди рақамӣ» дар факултетҳои физика, иқтисод ва идора, баҳисобгирӣ ва иқтисоди рақамӣ, таҳияи санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ҷиҳати гирифтани Иҷозатнома оид ба пешбурди фаъолияти таълимӣ ва ба роҳ мондани қабули донишҷӯён аз рӯйи ихтисосҳои мазкур (мутобиқи банди 18-и Нақшаи чорабиниҳои ҳукуматӣ) | Солҳои 2020-2021 | Муовини аввал, муовини ректор оид ба таълим, сардорони раёсати таълим, илм, инноватсия, садорати факултетҳои мувофиқ |
| 13. | Таъмини иштироки омӯзгорон ва кормандони | | Муовини аввал, муовини ректор оид ба таълим, |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | варзидаи донишгоҳ дар таҳияи лоиҳаи санадҳои меъёрию ҳуқуқии дахлдор ҷиҳати зиёд намудани шумораи гирандагони стипендияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои донишҷӯён ва аспирантон, махсусан аз фанҳои табиӣ, дақиқ ва риёзӣ (мутобиқи банди 20-и Нақшаи чорабиниҳои ҳукуматӣ) | Соли 2020 | муовини ректор оид ба илм, сардорони раёсати таълим, илм, садорати факултетҳои механика ва математика, физика, кимиё, биология, геология, фарматсевтӣ ва тиббӣ |
| 14. | Тибқи тартиби муқаррааргардида дар мувофиқа бо Кумитаи иттифоқи касбаи омӯзгорон ва кормандони донишгоҳ ба мукофотҳои давлатӣ пешниҳод намудани олимоне, ки ихтирооташон дар истеҳсолоти ватанӣ ҷорӣ карда мешаванд (мутобиқи банди 23-и Нақшаи чорабиниҳои ҳукуматӣ) | Мунтазам | Муовинони ректор, Кумитаи иттифоқи касабаи омӯзгорон ва кормандони донишгоҳ, сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсус, садорати факултетҳо, мудирони кафедраҳои тахассусӣ ва умумидонишгоҳӣ |
| 15. | Таҷдиди мавзӯъҳои кафедравӣ ва илмию фармоишӣ дар асоси дурнамои рушди илми ватанӣ (мутобиқи банди 32-и Нақшаи чорабиниҳои ҳукуматӣ) | Мунтазам | Муовини ректор оид ба илм, сардорони раёсати илм, инноватсия, директори Институти илмию таҳқиқотӣ, садорати факултетҳо, кафедраҳои тахассусию умумидонишгоҳӣ |
| 16. | Ба Академияи миллии илмҳо манзур намудани пешниҳод оид ба ҷорӣ намудани тартиби муосири «маблаггузории барномавӣ», «маблаггузории дархости давлатӣ» ва «маблаггузорӣ бо роҳи ҷалби сармояи хориҷӣ» (мутобиқи банди 33-и Нақшаи чорабиниҳои ҳукуматӣ) | Солҳои 2020-2021 | Муовини ректор оид ба илм, сардори раёсати илм, директори Институти илмию таҳқиқотӣ, садорати факултетҳо, кафедраҳои тахассусӣ ва умумидонишгоҳӣ |
| 17. | Мусоидат ва ҳамкорӣ ҷиҳати ба роҳ мондани ҳамкориҳои судманд бо ниҳодҳои давлатӣ, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, соҳибкорон ва саноатчиён ҷиҳати дар истеҳсолот ҷорӣ шудани ихтироот (мутобиқи банди 34-и Нақшаи чорабиниҳои ҳукуматӣ) | Солҳои 2020-2021 | Муовини ректор оид ба илм, сардорони раёсатҳои илм, инноватсия, садорати факултетҳо |
| 18. | Таъмини иштироки омӯзгорон дар таҳия ва пешниҳоди лоиҳаи санадҳои меъёрию ҳуқуқии дахлдор ҷиҳати таъсис додани мукофоти махсуси | Июни соли 2020 | Муовини ректор оид ба илм, сардорони раёсатҳои илм, инноватсия, садорати факултетҳо, кафедраҳои тахассусӣ ва умумидонишгоҳӣ |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | давлатӣ барои олимону омӯзгорони фанҳои табиӣ, дақиқ ва риёзӣ (мутобиқи банди 46-и Нақшаи чорабиниҳои ҳукуматӣ) | | |
| 19. | Мусоидат ва ҳамкорӣ бо шабакаҳои телевизионии «Илм ва табиат» ва «Баҳористон» ҷиҳати ба роҳ мондани таълими фанҳои табиӣ, дақиқ, риёзӣ, техникӣ ва технологӣ (мутобиқи банди 50-и Нақшаи чорабиниҳои ҳукуматӣ) | Сентябри соли 2020 | Муовини ректор оид ба илм, сардорони раёсатҳои илм, инноватсия, садорати факултетҳо ва кафедраҳои умумидонишгоҳӣ |
| 20. | Назорати бандҳои 51 ва 52-и «Нақшаи чорабиниҳои ҳукуматӣ» ҷиҳати анҷом додани рисолаҳои илмӣ ва ҳимояи онҳо аз ҷониби хизматчиёни давлатӣ | Мунтазам | Муовини ректор оид ба илм, сардорони раёсати илм, раисон ва котиботи шӯроҳои диссертатсионӣ |
| 21. | Насби серверҳои пуриқтидор барои сабт ва нигаҳдории рисолаҳои қаблан ҳимояшуда ва мавзӯъҳои илмии қаблан таҳқиқшуда ҷиҳати пешгирӣ аз ҳолатҳои асардуздӣ (мутобиқи банди 54-и Нақшаи чорабиниҳои ҳукуматӣ) | Солҳои 2020-2021 | Раёсати Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, сардорони раёсати муҳосибот, илм, инноватсия |
| 22. | Ҳисобот оид ба фаъолияти шӯроҳои амалкунандаи диссертатсионии донишгоҳ дар Шӯрои олимони донишгоҳ (мутобиқи банди 55-и Нақшаи чорабиниҳои ҳукуматӣ) | 2 маротиба дар як сол | Муовини ректор оид ба илм, сардори раёсати илм, саркотиби шӯроҳои диссертатсионӣ, садорати факултетҳо |
| 23. | Ҷиҳати беҳтар намудани сифати таълими илмҳои табиӣ, дақиқ ва риёзӣ кушодани саҳифаҳо дар сомонаҳои ДМТ ва факултетҳо зери унвони «Пешниҳодҳои мутахассисон» (мутобиқи банди 56-и Нақшаи чорабиниҳои ҳукуматӣ) | Соли 2020 | Муовини ректор оид ба илм, сардорони раёсати илм, инноватсия, садорати факултетҳои механика ва математика, физика, кимиё, биология, геология, фарматсевтӣ ва тиббӣ |
| 24. | Тибқи тартиби муқарраргардида пешниҳод кардани лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба тасдиқи «Стратегияи миллии рушди фанҳои табиӣ, дақиқ ва риёзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2030» ва «Барномаи давлатии дарёфт ва рушди истеъдодҳо барои солҳои 2021-2025 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (мутобиқи банди 57-и Нақшаи | Октябри соли 2020 | Муовини ректор оид ба илм, сардорони раёсати илм, инноватсия, садорати факултетҳои механика ва математика, физика, кимиё, биология, геология, фарматсевтӣ, тиббӣ ва кафедраҳои тахассусӣ ва умумидонишгоҳӣ |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | чорабиниҳои ҳукуматӣ) | | |
| 25. | Мусоидат ва ҳамкорӣ дар самти тарҷумаи китоби «Тоҷикон»-и Бобоҷон Ғафуров ва ҷойгир намудани он дар сомонаи ДМТ (мутобиқи банди 58-и Нақшаи чорабиниҳои ҳукуматӣ) | Соли 2020 | Муовини ректор оид ба илм, сардори раёсати илм, садорати факултетҳои таърих, муносибатҳои байналхалқӣ, филология, забонҳои Осиё ва Аврупо, филологияи рус, журналистика, кафедраҳои умумидонишгоҳии забонҳои хориҷӣ |
| 26. | Тавсеа бахшидани ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаи илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ, риёзӣ ва техникӣ ҷиҳати омода намудани кадрҳои илмӣ ва илмию омӯзгорӣ ва такмили ихтисоси онҳо дар дохил ва хориҷи кишвар. Тариқи квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дурахшандагон» ба таҳсил фаро гирифтани муҳаққиқон, олимони ҷавони соҳаи илмҳои табиию риёзӣ дар хориҷи кишвар (мутобиқи банди 29-и Нақшаи чорабиниҳои ҳукуматӣ) | Мунтазам | Муовини ректор оид ба илм, муовини ректор оид ба робитаҳои байналмилалӣ, сардори раёсати илм, инноватсия, садорати факултетҳои, механика ва математика, физика, кимиё, биология, геология, фарматсевтӣ ва тиббӣ |
| 27. | Ба роҳ мондани истеҳсоли маводи доруворӣ бо истифода аз гиёҳҳои шифобахши ватанӣ (мутобиқи банди 59-и Нақшаи чорабиниҳои ҳукуматӣ) | Мунтазам | Муовини ректор оид ба илм, муовини ректор оид ба иқтисод ва иҷтимоиёт, сардорони раёсатҳои илм, инноватсия, Парки технологӣ, садорати факултети фарматсевтӣ |

Муовини аввал, муовини ректор оид ба таълим — Абдулмуминзода Н.А.

Муовини ректор оид ба илм — Сафармамадзода С.М.

Муовини ректор оид ба тарбия — Раҳмонзода Ҷ.М.

Муовини ректор оид ба робитаҳои байналмилалӣ — Мирзамонзода Х.М.

Муовини ректор оид ба иқтисод ва иҷтимоиёт — Райҳонов Р.Н.